**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Рисолаи илмии Абдуллоев Ҷ.Т. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Баробари дастёбӣ ба истиқлолияти комили давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки бо давлатҳои дунё, ба вижа кишварҳои ҳамҷавори Осиёи Марказӣ робитаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ устувор намуда, онҳоро ҳамаҷониба ривоҷ диҳад. Тавре дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мегардад, дар муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя мақоми авлавиятнокро ишғол менамоянд.

Дар миёни кишварҳои ҳамсоя ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон бо туфайли доштани марзҳои муштарак, вижагиҳои мавқеи ҷуғрофӣ, имкониятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ дар низоми сиёсати хориҷии мамлакат мавқеи хосеро касб кардааст. Маҳз ҳамин амр омӯзиши махсус ва паҳлӯҳои таърихи ташаккул ва таҳаввули ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо Қирғизистон мубрам гардондааст.

Тавре ки бармеояд, ҳамкории мардуми тоҷик бо мардуми ҳамсояи қирғиз ҳанӯз дар даврони мавҷудияти давлати шуравӣ муназзам ва дар пайвастагӣ сурат мегирифт ва дар даврони истиқлолият мазмуну мундариҷаи нав касб намуд. Ба он маънӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дӯстона ва ҳамсоягии некро бо Ҷумҳурии Қирғизистон муҳим медонад. Ҷониби Қирғизистон ҳам борҳо аз минбарҳои баланд

ва музокироту машавaратҳои дуҷонибаву чандҷониба изҳор намуд, ки рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳо бо Тоҷикистон, таҳкими ҳамсоягии нек ва шарикии баробарвазн ба манфиатҳои дарозмуддати Қирғизистон ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши амиқу фарогир, таҳлили мушкилоту имкониятҳо, афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои ду кишвари ҳамҷавор хеле мубрам ба назар мерасад.

Сохтори рисолаи мазкур маҳз бо назардошти ин мақсад тарҳрезӣ шуда, аз сарсухан, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст.

Боби аввали рисола ба «**Истиқлолият ва оғози ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (солҳои 1991-2016)**» бахшида шуда, дар он раванди истиқрор ва ташаккули ҳамкориҳои ду кишвар дар солҳои душвори таҳкими давлатдориҳои миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Воқеан дар муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя бо соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ тағйироти куллӣ ба амал омада, рӯз то рӯз сатҳ ва миқёси муносибатҳо умдатар ва васеъ мешаванд. Аз ин рӯ, дар ин фасл муҳимтарин масоили рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба баррасӣ гардида, роҳу усули пешбурди ин муносибатҳо пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки дар давоми даҳсолаи охир раванди гуфтушуниди ҳаллу фасли минтақаҳои баҳсталаби сарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон ба муаммои сарбастае табдил ёфтааст. Бо вуҷуди фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии дуҷониба, мутаассифона дар давоми солҳои охир, пешравии чашмрасе ба назар намерасад. Таҳлилҳои пешниҳодшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки ояндаи ҳасанаи муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои мувофиқаомез ва қаноатбахши ҷонибҳо дар ҳалли мушкилоти сарҳадӣ вобастагӣ дорад. Дар рисола баррасии холисонаи мушкилоти

минтақаҳои сарҳадӣ дар асоси тадқиқотҳои амалигардида ва хулосаҳои коршиносӣ оварда шуда, чанде пешниҳоду тавсияҳо ироаъ шудаанд.

Бобҳои дуввум ва сеюми рисола «Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар оғози асри XXI» ва «Рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (1991-2016)» ном гирифта, ба омӯзиш ва таҳлил самтҳо, робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва фаъолияти комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ бахшида шудаанд.

Мазмун ва мундариҷаи рисола, пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳо ва зербобҳои рисола, мантиқан асоснок буда, баёни андешаҳо ва таҳлилу натиҷагириҳо асоснок мебошанд. Муаллиф таҳлилу баррасии ҳодиса ва воқеаҳоро бо истифода аз услубу равишҳои тоза таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда метавон гуфт, ки рисолаи илмии пешниҳодкардаи унвонҷӯ Абдуллоев Ҷ.Т. дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)» ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи**
**минтақашиносии хориҷӣ, роҳбари Маркази тадқиқоти**
**минтақавӣ ва муқоисавии назди ДМТ** Олимов М.А.

**Имзои Олимов М.А.- ро тасдиқ менамоям**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ